Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 121)

# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Пажуҳиши ҷанбаҳои забонии адабиёти бадеӣ аз аввал диққати олимону забоншиносонро ба худ ҷалб намуда, дар ҳар давру замон он мубрам арзёбӣ мегардад. Масъалаи мазкур диққати олимону забоншиносони тоҷикро низ ба худ ҷалб намудааст. Як қатор забоншиносони тоҷик дар корҳои таҳқиқотии худ масоили гуногуни воситаҳои тасвири бадеиро мавриди баррасӣ ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додаанд. Донишмандон ва забоншиносони маъруфи Ниёзмуҳаммадов, Д. Тоҷиев, М. Шукурӣ, А. Алимардонов, К. Айнӣ, А. Абдунабӣ, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, Ш. Каримов, М. Саломов, М. Мирзоева ва дигарон, ки ба таҳқиқи осори Садриддин Айнӣ машғул шудаанд.

Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ воситаҳои забон буда, сухани рангини нависандаро ба хонанда пурра баён мекунад. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ мавқеи муҳим доранд, зеро истифодабарии онҳо касбият ва зеҳнияти волои нависандаро ба таври назаррас нишон медиҳанд. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ ба чанд навъ истифода шудаанд. Кори таҳқиқотии мазкур, ки ба омӯзиши воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) бахшида шудааст, барои рушди илми забоншиносии тоҷик муҳим ба шумор меравад.

Таҳқиқоти мавриди назар аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад. Боби аввали таҳқиқот

“Заминаҳои назариявии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, аз 2 фасл иборат аст, ки дар онҳо масъалаҳои назариявии таснифоти воситаҳои забони тасвири бадеӣ баррасӣ гардидаанд. Боби дуввуми рисола “Вижагиҳои лексикӣ ва грамматикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар “Ёддоштҳои”-и С. Айнӣ” унвон дошта, таҳлили вижагиҳои лексикӣ ва грамматикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори С. Айниро дар бар гирифта, аз се фасл иборат аст. Боби сеюм “Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва тарҷумаи он дар забони англисӣ” унвон дошта, дар он ҷойгоҳи воситаҳои забони тасвирии бадеӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва тарҷумаи онҳо нишон дода шудааст. Инчунин, дар боби мазкур масъалаҳои тарҷумаи воситаҳои забони тасвири бадеӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ  ва вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқ андешаҳо ва хулосаҳои худро дар ҳаҷми 8 банд натиҷагирӣ намудааст. Таҳқиқоти мазкур ба як қатор масъалаҳои забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик равшанӣ меандозад. Бо таваҷҷуҳ ба дастовардҳои таҳқиқотии ноилшуда муаллиф тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқотро дар ҳаҷми 6 банд манзур сохтааст. Автореферати диссертатсия пурмазмун ва дар сатҳи илмӣ таълиф гардидааст, вале он аз камбудиҳо орӣ нест. Аз ҷумла:

1. Намунаи тоҷикии бештари воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, аз қабили метафора, гипербола, антаномазия ва амсоли инҳо нишон дода нашудаанд. Хуб мешуд, ки муаллиф муодили пурра ё қисмани онҳоро дар забони тоҷикӣ нишон медод.

2. Дар автореферати диссертатсия норасоиҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ин камбудиҳо қиммати илмии таҳқиқотро коста намекунанд ва онҳо ислоҳпазир буда, дар коркард ва ба инобат гирифтани фаъолияти минбаъда пешниҳод карда мешаванд. Зикр крдан ба маврид аст, ки автореферата диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна

дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филология
муаллими калони кафедраи забони англисӣ
ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои
Осиё ва Аврупои ДМТ.

Назарова Муҳаббат
Раҳмонқуловна

Имзои Назарова Муҳаббатро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Тавқиев Эмомалӣ

29.11.2023

Нишонӣ: Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон
734025 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел: 372217711
Сомонаи расмӣ:tnu.tj